# Мапурс

Муаллиф: Зафари Сӯфӣ
28.01.2014 23:34




Бегона дар Фаргонаам, дар Чочу Тирмизу Насаф,
Сӯзи Самаркандам мачӯ, доги Бухороро мапурс.

Умре чу кад кардам алам бо нанги точиконаам,
Туркона сангам мезананд ин чову чам он чо, мапурс.

Дунии дунёро магӯ, аз гуссаву гамхо мапурс,
Аз душмании дӯстон харфе мазан, ёро, мапурс.

Сармаст, масти хасрату дарди хазоронсолаам
Аз ман рахи майхонахо в-аз бодаву мино мапурс.

Оташ бигирад оламе пинхони ман пайдо шавад,
Рахме бикун бар чони худ, пинхону пайдоро мапурс.

Аз дурдасти устура як ёдгори вопасин
Ман зиндаам бо рафтахо, холову фардоро мапурс.

Бегона дар Фаргонаам, дар Чочу Тирмизу Насаф,
Сӯзи Самаркандам мачӯ, доги Бухороро мапурс.

Умре чу кад кардам алам бо нанги точиконаам,
Туркона сангам мезананд ин чову чам он чо, мапурс.

Бас чустаанду чустаем, пайдо нашуд аз он нишон,
Харфи адолатро мазан, он тухми анкоро мапурс.

Начало формы

Конец формы